**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №___**
**қарори шурои диссертатсионӣ**
**аз 23-юми майи соли 2026, №100**

**Дар бораи сазовор донистани Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ дар мавзуи «Субъекти ҷиноят: масоили назария, қонунгузорӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ санаи 7-уми марти соли 2026, №93 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ соли 2001 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дохил шуда, онро соли 2006 бо дипломи сурх хатм намудааст.

Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз ноябри соли 2006 ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон фаъолияти кории худро шуруъ карда, аз 28-уми сентябри соли 2012 то 14-уми марти соли 2016 ба ҳайси сардори қисми таълими факултети №4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз 14-уми марти соли 2016 то 15-уми ноябри соли 2017 дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 15-уми ноябри соли 2017 то 12-уми марти соли 2020 ба ҳайси профессори ин кафедра, аз 12-уми марти соли 2019 то 14-уми августи соли 2025 ҳамчун сардори кафедраи номбурда фаъолияти корӣ намудааст. Аз 14-уми августи соли 2025 то ҳол ба ҳайси дотсенти кафедраи зикргардида фаъолият намуда истодааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтидондои номзадӣ 15-уми январи соли 2026, №1 аз ҷониби Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 29-уми январи соли 2026, №7 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Насуриён Пулод Асадулло, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Азиззода Убайдулло Абдулло** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

– **Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедари ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон».

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар, Оралбаев Х.Х., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, омода гардида, аз ҷониби мудири кафедраи хуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Бобозода Ҷ.Қ. ва котиби ҷаласа номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Табаров Н.А. имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Satторзода Б.А. санаи 27-уми апрели соли 2026 тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки рисолаи илмӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои сатҳи баланди мантиқӣ мебошад. Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ вобаста ба масъала мавриди назар ва таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Дар натиҷаи таҳлил, паҳлӯҳои мусбати қонунгузории мазкур муайян ва ҳамзамон, баъзе камбудиву норасоиҳои он ошкор карда шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлили анҷомдода пешниҳодҳои мушаххаси назариявиро таҳия намуд, ки барои бартараф намудани камбудиҳои муайянгардида ва такмили танзими қонунгузорӣ равона шудаанд.

Аз ҷониби рисоланавис шарҳу маънидоди муаллифона оид ба муаммоҳои назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот пешбарӣ гардида, дар асоси онҳо пешниҳодҳое коркард шудаанд, ки ба ҳалли вазифаҳои қайдгардида, ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам дар сатҳи амалӣ равона мешаванд. Унвонҷӯ доир ба

таҳқиқоти диссертатсионӣ 10 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз ин шумора 5 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақолаи дигар дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Насуриён, П.А., Ҳусейнзода, С.Ҳ. Баъзе масъалаҳои синни поёнии (14-солагии) субъекти ҷиноят тибқи муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ [Матн] / П.А. Насуриён, С.Ҳ. Ҳусейнзода // Қонунгузорӣ. – 2025. №4 (60). – С. 308-313; ISSN 2410-2903.

**[2-М].** Насуриён, П.А., Ҳусейнзода, С.Ҳ. Масоили муқаррарсозии мафҳуми «номукаллафӣ» дар қонунгузории ҷиноятӣ: мафҳум ва маҳаки он [Матн] / П.А. Насуриён, С.Ҳ. Ҳусейнзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2025. – №4 (68). – С. 20-29; ISSN 2412-141X.

**[3-М].** Ҳусейнзода, С.Ҳ. Масоили муайян намудани нишонаи зеҳнӣ ҳамчун критерияи ҳуқуқии мукаллафии субъекти ҷиноят [Матн] / С.Ҳ. Ҳусейнзода // Қонунгузорӣ. – 2025. №4 (60). – С. 328-334; ISSN 2410-2903.

**[4-М].** Ҳусейнзода, С.Ҳ. Масоили тасниф ва тафриқаи синни субъекти ҷиноят [Матн] / С.Ҳ. Ҳусейнзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2025. – №4 (68). – С. 184-192; ISSN 2412-141X.

**[5-М].** Хусейнзода С.Х. Вопросы юридического критерия ограниченной вменяемости в уголовном праве [Текст] / С.Х. Хусейнзода // Ўзбекистон Республикаси ИИВ Малака ошириш институти Ахборотномаси. – Тошкент. – №4 (15). – 2025. – С. 81-89. ISSN 2181-1822.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[6-М].** Ҳусейнзода, С.Ҳ. Масоили инкишофёбии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон оид ба муқаррар намудани субъекти ҷиноят [Матн] / С.Ҳ. Ҳусейнзода // 25-солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо / Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ / Зери назари умумии д.и.ҳ., дотсент Ф.Р. Шарифзода. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – С. 257-264.

**[7-М].** Хусейнзода, С.Х. Некоторые вопросы о возрасте лица, привлекаемого к уголовной ответственности по УК Республики Таджикистан [Текст] / С.Х. Хусейнзода // Сборник материалов международной научно-практической конференции «Проблемы борьбы с преступностью на Евразийском пространстве», посвященной «Году правового просвещения» (г. Душанбе, 10 мая 2024 г.) / Под ред. д.ю.н., доцента Р.Х. Рахимзода. – Душанбе: Типография МВД Республики Таджикистан, 2024. – С. 178-182.

**[8-М].** Насуриён, П.А., Ҳусейнзода, С.Ҳ. Масоили муқаррар намудани зеҳни сунъӣ ҳамчун субъекти ҷиноят тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.А. Насуриён, С.Ҳ. Ҳусейнзода // Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих, дурнамо ва рушд: маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 27-ум солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикиситон / Зери назари умумии н.и.ҳ., дотсент П.А. **Насуриён. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. – С. 82-87.**

**[9-М].** Ҳусейнзода, С.Ҳ. Масоили мафҳуми субъекти ҷиноят дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.Ҳ. Ҳусейнзода // Масоили мубрами давлат, ҷомеа ва ҳуқуқи муосир – 2025. – №4 (8). – С. 55-66; ISSN 3105-370X.

**[10-М].** Ҳусейнзода, С.Ҳ. Критерияи (маҳаки) тиббии номукаллафӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.Ҳ. Ҳусейнзода // Дастовардҳо, мушкилот, ва дурнамои инкишофи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 16-солагии қабули Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикиситон (ш. Душанбе, 3-юми декабри соли 2025) / Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент П.А. Насуриён, д.и.ҳ., дотсент Р.Р. Раҳмадҷонзода. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2026. – С. 60-66.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Давлатзода К.Д.** – доктори илмҳои ҳӯқуқшиносӣ, сармутахассиси Раёсати ҳуқуқи дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе.

**Зокирзода З.Х.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, муовини ректор оид ба корҳои таълими Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт.

**Рустамзода Ҷ.Ю.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат арзёбӣ гардида, дар онҳо баъзе эродҳое оварда шудаанд, ки баҳсталабанд.

1. Муҳаққиқ зикр намудааст, ки номукаллафӣ категорияи ҳуқуқӣ буда, муқаррар намудани он ба салоҳияти ҳуқуқшиносон махсусан ба мақомоти тафтишӣ ва судӣ дохил мешавад (саҳифаи 115). Назари мазкур хусусияти баҳсиро доро мебошад, зеро барои муқаррар намудани номукаллафӣ донишҳои махсуси тиббӣ-психиатрӣ тақозо карда мешавад.

2. Пешниҳоди муаллиф оид ба илова намудани моддаи 22(1) ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ ҶТ) ва муайян кардани доираи шахсони воқеӣ қобили дастгирӣ аст. Вале, дар банди мазкур истифодаи ибораи «шахсе, ки шаҳрвандии ду давлатро доро мебошад» (саҳифаи 61) метавонад

баҳснок бошад ва бо дарназардошти ин, аз муҳаққиқ тақозо карда мешавад, ки хусусияти муҳими ин мавқеъро бо дарназардошти муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ мушаххас намояд.

3. Муаллиф синни ҳадди аксарро барои судяҳо, прокурорҳо ва кормандони ҳифзи ҳуқуқ (63, 65, 66-солагӣ) нишон додааст (дар зербанди 2 боби 3). Аммо, ҷой доштани ҳолатҳое аз имкон дур нест, ки шахс пас аз расидан ба ин синну сол бо фармони махсус дар вазифа мемонад. Дар диссертатсия ин масъала баҳс нашудааст, ки оё чунин шахс пас аз гузаштани «синни ҳадди аксари қонунӣ» субъекти ҷиноят боқӣ мемонад ё на.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Бояд зикр намуд, ки муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар аз руйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ интихоб гардида, таҳқиқоти илмие, ки онҳо ба анҷом расонидаанд ба мавзуи таҳқиқотии муаллиф алоқамандии зич дорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**– коркард карда шуд:** таҳқиқоти мазкур бори нахуст дар сатҳи диссертатсионӣ дар мавзуи субъекти ҷиноят ба ҳисоб рафта, назарияҳои навро оид ба мафҳумҳои «субъекти ҷиноят», «мукаллафӣ», «синни субъекти ҷиноят», «номукаллафӣ», «мукаллафии маҳдуд» ва «хусусиятҳои синни субъекти махсуси ҷиноят» дар бар мегирад;

**– пешниҳод шудааст:** мафҳуми «мукаллафӣ» дар КҶ ҶТ ба таври зерин ворид карда шавад: «Моддаи 22(2). Мукаллафӣ. Шахси воқеие, ки дар вақти содир намудани ҷиноят хусусияти воқеии ба ҷамъият хавфнокӣ ва зиддиҳуқуқӣ будани кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) худро дарк ва онро идора карда метавонад, мукаллаф эътироф мешавад».

**- исбот шудааст:** субъекти ҷиноят шахси воқеии мукаллафе, ки ба синни муқаррарнамудаи КҶ ҶТ расидааст (м. 22 КҶ ҶТ). Ғайр аз ин, худи модда «Шартҳои умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ» ном дорад. Шартҳои умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ мафҳуми васеъ буда, танҳо бо аломатҳои субъекти ҷиноят онҳоро маҳдуд сохтан нодуруст аст. Аломатҳои субъекти ҷиноят дар умум як шарти ҷавобгарии ҷиноятро таъмин карда метавонад. Ғайр аз ин, ба назари муҳаққиқ шартҳои дигари ҷавобгарии ҷиноятӣ объекти ҷиноят, тарафи объективии ҷиноят, тарафи субъективии ҷиноят мебошанд Агар номи м. 22 «Субъекти ҷиноят» мебуд, пас аломатҳои дар матни он муқарраргардида ба номаш дақиқан мувофиқат мекард. Бинобар ин, зарур аст, ки номи м. 22 КҶ ҶТ «Субъекти ҷиноят» ифода карда шавад.

**- ҷорӣ намудан:** мафҳуми «хусусиятҳои синнусолии субъекти махсуси ҷиноят» дар сатҳи илмӣ ҳамчун мавзуи дар таҳқиқот баррасишаванда ворид карда шавад. Субъектҳои махсуси ҷиноят вобаста ба хусусиятҳои синнии онҳо шартан ба се гурӯҳ тақсим карда мешаванд: 1) Таркиби ҷиноятe, ки синни ҳадди ақали субъекти махсуси ҷиноят дар м. 23 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст; 2) Таркиби ҷиноятҳое, ки синни ҳадди ақали субъекти махсуси онҳо дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нишон дода шудаанд ё бо дарназардошти таҳлили худи ҳамон ҷиноятҳо муқаррар муайян гардидаанд; 3) Таркиби ҷиноятҳое, ки синни ҳадди ақали субъекти махсуси онҳо дар қонунгузорӣ муқаррар нагардидаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертетсионӣ низоми донишҳои мавҷударо оид ба масоили мафҳуми «субъекти ҷиноят», шахси воқеӣ будан, мукаллаф будан ва синни ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун аломатҳои субъекти ҷиноят, номукаллафӣ ва мукаллафии маҳдудро хулосабарориву ҷамъбаст ва такмил медиҳад. Назарияи илмӣ ва муқарраротi такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба масоили баррасиву таҳлилгардидаи субъекти ҷиноят ҳангоми таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ вобаста ба муайян намудани аломатҳои субъективии тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии ин ё он ҷиноят аз ҷониби дигар муҳаққиқон истифода шуда метавонад. Аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, ба чунин хулосаи асоснок омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ саҳми амиқ гузошта, баҳри бартараф намудани холигиву ноқисиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ мусоидат кунад.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки хулосаву пешниҳодоти дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳиягардида татбиқи худро дар соҳаҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми тақомули субъекти ҷиноят дар қонунгузории ҷиноятӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати мушаххас намудани субъекти ҷинофт, фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ҳангоми таҳлили аломатҳои субъективии таркиби ҷинояти мушаххас, таълим дар муассисаҳои олӣ пайдо хоҳанд кард.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** ва натиҷаҳои диссертатсияи мазкурро дар раванди омузиши фанни «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», инчунин курси махсуси «Бандубасти ҷиноятҳо» истифода бурдан ба мақсад мувофиқ хоҳанд буд. Қобили зикр аст, ки дар раванди таҳқиқот аз усулҳои умумии илмӣ (мантиқӣ, низомнокӣ, шарҳдиҳӣ, умумисозӣ, индуксия, дедуксия) ва махсуси илмӣ (усули махсуси сотсиологӣ – пурсиш ва таҳлили ҳуҷҷатҳо; усули расмии ҳуқуқӣ; усули муқоисавии ҳуқуқӣ, усули таърихию ҳуқуқӣ) истифода бурда шудааст.

**- баён шуд,** ки мафҳуми синни субъекти ҷиноят барои дуруст дарк намудани он ҳангоми омӯзиш ва муқаррар намудани субъекти ҷиноят муҳим эътироф мешавад, бинобар ин мафҳуми «синни субъекти ҷиноят» чунин баён

гардидааст: «Синни субъекти ҷиноят – ин миқдори муайяни солҳои бо қонунгузории ҷиноятӣ муқаррарнамудаест, ки дар сурати содир намудани ҷиноят бо расидан ба он шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад».

- **ошкор гардид:** дар КҶ ҶТ 14-17-солагӣ синне мебошад, ки ҳамчун ноболиғ эътироф гардидааст. Ҳамин тавр, мутобиқи қ. 1 м. 86 КҶ ҶТ «Шахсоне ноболиғ эътироф мегарданд, ки дар вақти содир намудани ҷиноят синни чордаҳсолагиро пур кардаанд, вале ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидаанд». Муқаррароти синне, ки дар мафҳуми «ноболиғ» (қ. 1 м. 86 КҶ ҶТ) оварда шудааст, бо муқаррароти синни ҷавобгарии ҷиноятӣ (қ.қ. 1 ва 2 м. 23 КҶ ҶТ) мухолифат мекунад. Бо дарназардошти ин, мафҳуми «ноболиғ», ки дар қ. 1 м. 86 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст, дар чунин шакл ифода карда шавад: «Шахсоне ноболиғ эътироф мегарданд, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни чордаҳ расидаанд, вале ба синни ҳаждаҳ нарасидаанд».

- **омӯхта шуданд:** қонунгузории миллӣ, қонунгузориҳои ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ, қарорҳои дахлдори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи таҷрибаи судӣ, омори Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърихи бемории дар беморхонаи ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои равонӣ ҷойдошта.

- **аз нав такмил додани** меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба аломатҳои субъекти ҷиноят ба ҳисоб меравад. Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки натиҷаҳои таҳлил метавонанд ҳангоми такмили меъёрҳои КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба субъекти ҷиноят ва аломатҳои он ба таври назаррас амиқ ва рушд диҳанд ва имкон медиҳанд, то ки равишҳо нисбат ба шахси воқеӣ, мукаллафиву номукаллафӣ ҳамчун аломатҳои субъекти ҷиноят, синни ҷавобгарии ҷиноятӣ, инчунин хусусиятҳои синни субъекти махсуси ҷиноят аз нав баррасӣ гарданд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонанд ба сифати маводи методӣ ва илмӣ дар фаъолияти таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ, ҳангоми таълими фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва муассисаҳои такмили ихтисос, истифода гарданд.

- **муайян карда шуданд**, ки натиҷаҳои бадастомада, ба чунин хулосаи асоснок омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ саҳми сазовор гузошта, дар баробари ин, баҳри бартараф намудани норасоиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ёрӣ расонад.

- **офарида шуд**: вобаста ба доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, қонунгузорӣ ва амалия муаллиф дар консепсияи илмии худ мафҳуми «субъекти ҷиноят»-ро таълиф намудааст, ки барои мукаммалнамоии қонунгузории ҷиноятӣ аҳаммияти хос доранд ва тибқи он, субъекти ҷиноят шахси воқеие мебошад, ки

дар вақти содир намудани ҷиноят мукаллаф аст ва ба синни муқаррарнамудаи КҶ ҶТ расидааст.

- **муаррифӣ карда шуд**: маҳакҳои тиббии номукаллафӣ, ки дар м. 24 КҶ ҶТ оварда шудаанд (бемории руҳии доимӣ, парешонии муваққатии руҳӣ, заъфи ақл, ҳолати дигари бемории руҳӣ) бо ибораи «парешонҳолии руҳӣ» маҳдуд карда шаванд, зеро ин ибора дар худ ҳама намудҳои маҳакҳои тиббии номукаллафиро фаро мегирад. Барои муқаррар кардани маҳаки тиббии номукаллафӣ зарур нест, ки ҳама намудҳои парешонҳолиҳои руҳие, ки дар боби V (F) ТББ-10 тасниф гардидаанд, нишон дода шаванд.

- **асоснок шудааст**, ки шахси воқеӣ дар КҶ ҶТ муқаррар карда шавад ва бо дарназардошти ин ба КҶ ҶТ м. 22(1) дар таҳрири зайл илова карда шавад: «Моддаи 22(1). Шахси воқеӣ. Тахти мафҳуми шахси воқеӣ дар ҳамин Кодекс шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванди хориҷӣ, шахси бешаҳрванди доимо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқоматкунанда, шахси бешаҳрванди доимо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқоматнакунанда ва шахсе, ки шаҳрвандии ду давлатро доро мебошад, фаҳмида мешавад».

- **истифода шудаанд:** истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти маводи таҷрибаи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд, бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимоднокаид, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърихи бемории дар беморхонаи ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои равонӣ ҷойдошта ва ғайра ба даст омадаанд.

- **муайян шудаанд:** синни ҳадди аксари субъектҳои махсуси баъзе таркибҳои ҷиноят муайян карда шудааст: синни ҳадди аксаре, ки шахс метавонад судя бошад (м.м. 133, 349, 354, 358 КҶ ҶТ), хизматчии ҳарбӣ бошад (б. «г» қ. 2 м. 179, б. «б» қ. 2 м. 305, б. «б» қ. 2 м. 306 ва м.м. 367-393 КҶ ҶТ), дорои уҳдадории ҳарбӣ бошад (м. 343 КҶ ҶТ), хизмати ҳарбиро адо намудааст ва барои сафарбарӣ ба Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват шудааст (м. 344 КҶ ҶТ), прокурор бошад (м.м. 143(1), 348, 358, қ.қ. 2 ва 3 м. 359, м. 360 КҶ ҶТ) ва ҳамчун субъекти махсуси ҷиноятҳои пешбинигардида ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, 63 мебошад; синни ҳадди аксаре, ки шахс метавонад ба хизмати ҳарбӣ даъватшаванда бошад ва ҳамчун субъекти махсуси ҷинояти пешбинигардида дар м. 343 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, 27 мебошад; синни ҳадди аксаре, ки шахс метавонад корманди мақомоти мубориза бо коррупсия, назорати маводи нашъаовар, амният бошад (м.м. 143(1), 348, 354, 358, қ.қ. 2 ва 3 м. 359, м. 360 КҶ ҶТ) ва шахсе, ки мавқеи «дар хизмати давлатӣ» буданро доро аст, ҳамчун субъекти махсуси ҷиноятҳои пешбинигардида ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд, 65 мебошад; синни ҳадди аксаре, ки шахс метавонад корманди мақомоти

корҳои дохилӣ бошад ва ҳамчун субъекти махсуси ҷиноятҳои пешбинигардида дар м.м. 143(1), м. 327, 348, 354, 358, қ.қ. 2 ва 3 м. 359, м. 360 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, 66 мебошад.

- **истифода шуданд:** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, омори Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърихи бемории дар беморхонаи ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои равонӣ ҷойдошта ва ғайра.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифро таълифу эҷодиёти бевоситаи дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, таҳлили ақидаҳои муҳаққиқон, коркарди мафҳумҳои мутобиқ ба қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хулосаҳо ва нуктаҳои илмии асоснок, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ифода мекунанд. Ҳамчунин, масоили дар диссертатсия таҳқиқгардида аз саҳми шахсии муаллиф далолат медиҳад.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 23-юми майи соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки ба Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд тасдиқ гардидааст 12 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктор ва 1 нафар номзад аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 12 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 12 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзозода Қ.Х.**

**23-юми майи соли 2026**